**ХУЛОСАИ**
**Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Парвандаи аттестатсионии №__**
**Қарори Шӯрои диссертатсионӣ аз 25 июни соли 2021, №__**

Барои сазовор донистани Азимӣ Саламат, шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ санаи 26 феврали соли 2021 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Азимӣ Саламат соли 1989 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро ба ҳайси бакалавр ва соли 2015 намояндагии Донишгоҳи Паёми Нури Ҷумҳурии Исломии Эронро дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба ҳайси магистри ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия аз соли 2016 то соли 2019 Азимӣ Саламат докторанти PhD-и кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва иҷро гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Муҳаммадиев И.С.** - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини якуми Прокурори вилояти Суғд;

**Хайров Ф.М.** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Хадамоти огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғону ҷавонони РВКД дар шаҳри Душанбе .

**Муассисаи такриздиҳанда** – Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ Қудратов Некрӯз Абдунабиевич имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонзода М.Р. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Азимӣ Саламат дар мавзӯи «Институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок буда, муаллифи он Азимӣ Саламат сазовори барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ пешбинишаванда дар сатҳи дахлдор тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ муаллифи 22 мақолаи илмие мебошад, ки 3-и он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти аспирант нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Тавсифи мухтасари таълифоти илмӣ вобаста ба таҳқиқоти илмӣ, саҳми муаллиф ва ҳаҷми таълифоти илмӣ, инчунин таълифоти арзанда, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд, бо зикри маълумоти нашрӣ оварда мешавад.**

**1. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Унсурҳои (элементҳои)-и ташкилдиҳандаи ҷиноят // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/2. – С. 258–266.

**[2–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Дифои машруъ (қонунӣ) // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 2/3. – С. 235–240.

**[3–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Нигоҳи ҷурмшиносона ба таъсири ҷинсият дар рух задани ҷиноят // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе: Сино, 2017. – № 2/4. Қисми II. – С. 251–254.

**Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[4–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳумҳои мухталифи масъулият // Маҷалаи академиии ҳуқук. – Душанбе, 2017. – № 3–4 (23–24). – С. 132–147.

**[5–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Таълимоти ҷиноятшиносӣ ва коҳиши он // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С.6–10.

**[6–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Омузиши ҷиноятшиносӣ дар макотиби олӣ // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С. 10–14.

**[7–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳуми мухталифи ҷурм (гуноҳ) // Маҷалаи электронии «Рушди устувор». – Душанбе, 2016. – № 1 (4–12). – С. 18–25.

**[8–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Таълимоти фасоди идоравӣ-омили барканории дуздӣ // Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди устувори иқтисодиёни инноватсионӣ дар Тоҷикистон ва Полша» (23–24 декабри соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 349–351.

**[9–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Нақши урф дар ҳуқуқи башардустонаи байналмилалӣ // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 3, қисми 2, 2013. – С. 68–78.

**[10–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Аркон ва шароити никоҳ аз назари фиқҳ ва қонуни маданӣ // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – 2008. – № 3. – С. 45–56.

**[11–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Мурури замон дар даъвои ҷазоӣ // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 2, қисми 3, 2002. – С. 75–85.

**[12–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Ихтилофоти хонаводагӣ ва роҳҳои ҳалли он // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 4, 2016. – С. 27–43.

**[13–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Мафҳуми қонунӣ будани ҷароим ва ҷазоҳо // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 2, 2017. – С. 1–11.

**[14–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Мафоҳими мухталифи масъулият // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 3, 2016. – С. 1–20.

**[15–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Аҳдофи муҷозот // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 1–2, 2006. – С. 24–34.

**[16–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Тафрик (муторикаи қазоӣ) //. Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1, 2013. – С. 39–53.

**[17–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Таъсири муҳит болои муҷримият // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 4, 2005. – С. 149–161.

**[18–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Ҳуқуқи дифои машруъ аз назари уламо ва қонуни ҷазои Афғонистон // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1–2, 2009. – С. 105–117.

**[19–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Аносири ташкилдиҳандаи ҷурм // Маҷалаи Пуҳантуни Балх. – № 1, 2016. – С. 13–36.

**[20–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Дастрасии атфоли мутахаллиф ба адолат // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 4, 2011. – С. 49–74.

**[21–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Сайри таърихии ваколати даъво // Маҷалаи «Маърифат». Фаслномаи улуми иҷтимоӣ. Пуҳантуни Балх. – № 1, 2016. – С. 23–37.

**[22–М].** Азимӣ, С.Ҷ. Сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва таносуби онҳо // Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 600–605.

**Ба автореферати диссертатсия** аз ҷониби прокурори ҳарбии гарнизони Бохтар, полковники адлия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тоҳирзода Н.У. ва сардори Раёсати ташкили кор ва назорати иҷрои Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири давлатии адлияи дараҷаи 2, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холмуҳаммадзода А. тақризҳо навишта шуда, ба Шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро фаро гирифта аз инҳо иборатанд:

- оид ба шарҳи масъалаи дақиқ муайян намудани принсипҳо, қоидаҳо ва дастурҳои ҳуқуқи ҷиноятии муосир дар пешниҳоди якуми диссертатсия овардашуда;

-оид ба масъалаи рост омадан ё наомадани низоми давлатдории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳангоми дар қонунгузории ҷиноятии

ҶИА мавриди танзим қарор додани масъалаи ҳудуд, дия ва қисос дар баробари ҷиноятҳои таъзирӣ дар ҳоле, ки сарчашмаи асосии ҳуқуқии ҶИА-ро шариат ташкил медиҳад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ мувофиқат менамояд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон; таҳлил ва муайян намудани урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА; моҳият, сарчашма ва шаклҳои таъсиррасонии шариат ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА; мафҳум ва таносуби сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА; таҳқиқи низоми ҳуқуқи ҷиноятии муосири Афғонистон; омӯзиши мафҳум ва таснифоти ҷиноят; баррасии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва асосҳои он; баррасӣ намудани ҷазо ва чораҳои бехатарӣ; коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятии ҶИА ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ оид ба институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо коркард карда шуданд.

- бо мақсади мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятии ҶИА оид ба институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон ва бартарафсозии духурагиҳо дар миёни онҳо як қатор таклифҳои судманд оид ба он пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия вобаста ба вазъи имрӯзаи ҷинояткорӣ дар самти институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон масоили зерин мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд:

-омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- таҳлили ҳуқуқи ҷиноятии муосири Ҷумҳурии Исломии Афғонистон;

- дар сатҳи диссертатсионӣ исбот карда мешавад, ки такмили институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобғарии ҷиноятӣ ва ҷазо мувофиқи мақсад мебошад;

- пешниҳодҳо дар хусуси муайян намудани урфу одат ва анъанаҳои қавмӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, моҳият, сарчашма ва шаклҳои таъсиррасонии шариат ба ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА, сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҶИА ва таносуби онҳо, низоми ҳуқуқи ҷиноятии муосири давлати Афғонистон ва ғайра.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки дар он** пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ,

криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд, ташкил додааст.

Масоили институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Афғонистон аз ҷониби муҳаққиқони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Россия, Тоҷикистон ва дигар кишварҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар ин асос оид ба паҳлуҳои гуногуни он асарҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Олимони Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Дирез Ғулом Маҳиддин, Зияуддин Десабзӣ Акагул, Д. Муҳаюдӣ, Муҳаммад Шариф Асефӣ, А. Расулӣ, В. Сарфароз ва дигарон доир ба паҳлуҳои гуногуни қонунгузории ҷиноятии Афғонистон асарҳои арзишманди илмӣ нашр кардаанд ва паҳлуҳои гуногуни он аз тарафи онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта ба сифати** усулҳои таҳқиқоти умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

Илова бар ин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳлили оморӣ ва сотсиологӣ истифода гардида, вобастагии муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба талаботҳои объективии ҳаёти ҷомеа баён шудааст.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқоти хусусӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-таркибӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дода шуда, тавассути он ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии мавзӯи баррасишаванда ва қонунгузории ҷиноятии ҶИА оид ба институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо **омӯхта шудаанд.**

Дар натиҷаи усулҳои истифода шуда, мафҳумҳои илмии «институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон», «мақсади ҷазо ва чораҳои бехатарӣ » ва «табиат ва моҳияти ҷиноят ва ҷавобгарии ҷиноятӣ» аз нав **такмил дода шуд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

- мафҳумҳои нав, тағйирёбии ақидаҳои шарҳи мафҳумҳои куҳан дар робита ба институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо **коркард ва ҷорӣ карда шуданд.**

-навгонии аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардида мафҳум, мақсад ва моҳияти институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазоро **муайян менамояд.**

-дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва кишварҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои осори илмӣ ва амалияи судӣ **истифода шудаанд,** ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм мавҷудбуда асоснок карда шудааст;

– нуктаҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда барои дуруст татбиқ намудани институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон: ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо **мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Исломии Афғонистон муайян карда шуданд.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи бевоситаи масоили институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Афғонистон, пешниҳоди нуктаҳои илмӣ, натиҷаҳо ва дигар дастовардҳо ифода меёбад, ки онҳо аз нигоҳи илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии унвонҷӯй дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар, дар чопи мақолаҳо оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионӣ аз санаи 25 июни соли 2021 қарор қабул карда шуд, ба Азимӣ Саламат дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ аз 17 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор 14 нафар; муқобил нест, бетараф нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Муовини Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**25 июни соли 2021.**